**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№5**

**аз 14 июни соли 2013** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи татбиқи меъёрҳои қонунҳои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм**

Бо мақсади таъмини дуруст ва якхелаи татбиқи меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо, ки ҳимояи ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамоянд, инчунин ба тариқи дахлдор иҷро намудани ӯҳдадориҳое, ки аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, бармеоянд, дар асоси моддаи 27-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1.Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шаванд, ки терроризм яке аз ҷиноятҳои махсусан вазнини замони муосир ба ҳисоб рафта, он на танҳо хусусияти миллӣ, балки хусусияти байналмилалиро низ дороcт. Асоси онро кӯшиши ҷинояткор бобати ноустувор сохтани ҳокимияти давлатӣ, дар атрофиён ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳима, фалаҷ сохтани фаъолияти иҷтимоии шаҳрвандон ва кори мӯътадили мақомоти давлатию идоракунӣ, таркиш, оташзанӣ, истифодаи воситаҳои таркандаи ядроӣ, моддаҳои радиоактивӣ, кимиёвӣ, биологӣ, тарканда, токсикӣ, заҳрнок, сахттаъсир ва ғайраҳо бо ҳамин васила ноил шудан ба мақсадҳои зиддиҷамъиятии худ ташкил медиҳад.

Аз меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ бармеояд, ки терроризм дар ҳама ҳолат бо фикру ақидаҳои сиёсӣ, фалсафӣ, идеологӣ, нажодӣ, ахлоқӣ, динӣ ё дорои дигар хусусият содир шуда, шахси содиркардаи ин ҷиноят аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад. Шахсоне, ки дар содир намудани амалҳои террористӣ ва дигар ҷиноятҳои дар Конвенсияҳо пешбинигардида гунаҳгоранд, тибқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида шуда, нисбаташон ҷазо бо дарназардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ ва вазнинии ҷинояти содирнамуда таъин карда мешавад. Дар баробари ин, чораҳо оид ба пешгирии ҷиноятҳои мазкур бояд бо риояи волоияти қонун ва арзишҳои демократӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, инчунин дигар муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ андешида шаванд.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди терроризмро ба ғайр аз меъёрҳои дахлдори Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ), Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст дароварда ва маблағгузории терроризм», ҳамзамон санадҳои зерини ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба танзим медароранд:

а) Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд СММ) дар бораи ҷиноятҳо ва дигар кирдорҳое, ки дар дохили ҳавопаймо содир мегарданд, соли 1963;

б) Конвенсияи СММ дар бораи мубориза ба муқобили ғасби ғайриқонунии киштиҳои ҳавоӣ, аз 16 декабри соли 1970;

в) Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бо аъмоли ғайриқонунӣ бар зидди амнияти авиатсияи гражданӣ, аз 23 сентябри соли 1971;

г) Конвенсияи СММ дар бораи пешгирӣ ва ҷазои ҷиноятӣ ба муқобили ашхосе, ки дорои ҳимояи байналхалқӣ мебошанд, аз ҷумла агентҳои дипломатӣ, аз 14 декабри соли 1973;

д) Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи мубориза бо гаравгонгирӣ, соли 1979;

е) Конвенсияи СММ дар бораи ҳимояи физикии маводи ядроӣ, соли 1980;

ж) Протокол дар бораи мубориза бар зидди зӯроварии ғайриқонунӣ дар фурудгоҳҳое, ки авиатсияи гражданӣи байналмилалиро хизмат мерасонанд, соли 1988;

з) Конвенсияи СММ дар бораи мубориза ба муқобили кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки бар зидди амнияти киштигардии баҳрӣ равонагардида, соли 1988;

к) Протокол оид ба мубориза бо кирдорҳои ғайриқонунии бар зидди амнияти платформаи статсионарии дар шелфи континенталӣ ҷойгирбуда равонагардида, соли 1988;

л) Конвенсияи дар бораи нишонгузории моддаҳои таркандаи пластикӣ бо мақсади ошкор намудани онҳо, соли 1991;

м) Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бо терроризми бомбавӣ, аз 16 декабри соли 1997;

н) Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи мубориза бо маблағгузории терроризм, аз 09 декабри соли 1999;

о) Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ, аз 8 ноябри соли 2000;

п) Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм, аз 5 сентябри соли 2003 ва ғайра.

3. Тибқи талаботи моддаи 179-и КҶ зери мафҳуми терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо, фаҳмида мешавад.

Гурӯҳи террористӣ – шахсоне мебошанд, ки бо мақсади содир намудани фаъолияти террористӣ муттаҳид шудаанд.

Террорист – шахсе, дониста мешавад, ки дар анҷом додани фаъолияти террористӣ дар ҳама гуна шакл иштирок менамояд.

Ташкилоти террористӣ – ташкилоте мебошад, ки бо мақсади содир намудани фаъолияти террористӣ таъсис дода шудааст ё дар фаъолияти худ имконияти истифодаи терроризмро эътироф менамояд. Инчунин, ташкилот - террористӣ ба ҳисоб меравад, агар аққалан яке аз ҷузъу томҳои дохилии ташкилот ё бо огоҳии аққалан яке аз мақомоти роҳбарикунандаи он фаъолияти террористиро анҷом диҳад.

Терроризм танҳо бо роҳи кирдорҳое, ки бо ду шакл ифода меёбанд, содир мегардад; а) амали террористӣ, б) таҳдиди содир намудани амали террористӣ.

Амали террористӣ - бевосита дар содир намудани ҷинояти дорои хусусияти террористӣ дар шакли таркиш, оташзанӣ, истифодаи воситаҳои таркандаи ядроӣ, моддаҳои радиоактивӣ, химиявӣ, биологӣ, тарканда, токсикӣ, заҳрнок, сахттаъсир, заҳролуд, нобуд сохтан, зарар расонидан ё забт кардани воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳо, сӯиқасд ба ҳаёти ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ, намояндаи миллӣ, этникӣ, динӣ ё дигар гурӯҳҳои аҳолӣ, гаравгонгирӣ, одамрабоӣ, ба вуҷуд овардани хатари расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони доираи номуайян тавассути ташкили шароит барои садама ва фалокатҳои дорои хусусияти техногенӣ ё таҳдиди воқеии ташкили чунин хатар, содир намудани дигар амалҳое, ки боиси хавфи ҳалокати одамон мегарданд, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба вуҷуд омадани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ифода меёбад.

Таҳдид - ин мақсади дар шакли маъмулӣ ифодагардидаи содир намудани амали террористӣ набуда, балки арзи қатъии мақсадест, ки аз ҷиддӣ ва ҳақиқӣ будани чунин мақсад шаҳодат медиҳад. Яъне паҳн намудани таҳдид дар ҳар гуна шакл ва тавассути ҳар гуна

воситаҳо, содир намудани дигар амалҳое, ки боиси хавфи ҳалокати одамонро дорад. (Масалан, фармоиш барои ба даст овардани воситаҳои таркишу хатарноки биологӣ ва радиоактивӣ ё силоҳ, содир намудани таркиш ё сӯхторҳои «огоҳикунанда», тайёрӣ барои аз кор баровардани объектҳои стратегии ҳаётан муҳим ё ин ки вайрон кардани ҷараёни технологӣ, муҳосира кардани робитаҳои нақлиётӣ ва ғайраҳо).

Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шаванд, ки содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок, инчунин таҳдиди содир намудани ҳаракатҳои мазкур танҳо дар сурате ҳамчун ҷинояти терроризм банду баст карда мешавад, ки агар мақсади шахс барои таъсир расонидан ба мақомоти ҳокимият ё ташкилотҳои байналмилалӣ барои қабул кардани қарор равона шуда бошад.

Содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳои ба ҳамин монанд дар он ҳолат ҷавобгарии ҷиноятиро бо моддаи 179-и КҶ ба вуҷуд меорад, ки агар кирдорҳои мазкур дорои хусусияти ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳимаи аҳолӣ ва ба вуҷуд овардани хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок гардида бошанд.

Зери мафҳуми ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳимаи аҳолӣ кирдорҳое фаҳмида мешаванд, ки тибқи хусусияти худ метавонанд боиси ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳима байни аҳолӣ барои ҳаёт ва саломатӣ, бехатарии наздикони худ, нигоҳдории молу мулк ва ғайра, гарданд.

Бояд дар назар дошт, ки таъсир расонидан ба мақомоти ҳокимият ё ташкилотҳои байналмилалӣ барои қабули қарор, дар моил намудани (ангезонидани) субъектҳои дахлдор оид ба содир намудани ҳаракатҳои муайян ё худдорӣ кардан аз содир намудани онҳо (масалан, талаби озод кардани иштирокчиёни ташкилоти террористӣ, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ нигоҳ дошта мешаванд) ифода меёбад.

Хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддии молу мулкӣ ё ба миён омадани дигар оқибатҳои вазнин бояд ҳақиқӣ (реалӣ) бошанд ва дар ҳар як ҳолати мушаххас бо дарназардошти ҷой, вақт, силоҳ, восита, тарзи содир намудани ҷиноят ва дигар ҳолатҳои парванда (шумораи одамоне, ки дар минтақаи таркиш ҳузур доранд, қувваи таркиш ва қобилияти дастгоҳи таркишии истифодашуда ва ғайра), муайян карда шаванд.

Ҷиддӣ будани зарар ба молу мулк, ҳамчун оқибати амали террористӣ бо дарназардошти арзиш ва аҳамиятнокии сарватҳои моддӣ муайян карда мешавад.

Таҳти мафҳуми дигар кирдоре, ки боиси ба миён овардани ҳиссиёти тарсу воҳимаи аҳолӣ ва ба вуҷуд овардани хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ҳамагуна кирдорҳое фаҳмида мешаванд, ки оқибатҳои ба вуҷуд меомадаашон ба таркиш ё сӯхтор баробар аст. (Масалан, ташкил намудани садама дар объектҳои стратегии ҳаётан муҳим, вайрон намудани коммуникатсияи нақлиётӣ, заҳролудкунии сарчашмаҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва маводи хӯрокворӣ, паҳн намудани микробҳои сироятие, ки эпидемия ва эпизоотияро ба вуҷуд меоваранд, заҳролудкунии радиоактивӣ, кимиёвӣ, биологӣ (бактериологӣ) ва дигар заҳролудкунии маҳалҳо, ҳуҷуми мусаллаҳона ба нуқтаҳои аҳолинишин, тирпарронии манзилҳои истиқоматӣ, мактаб, беморхонаҳо, биноҳои маъмурӣ, мавқеи хизматчиёни ҳарбӣ ё кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ғасб ё несту нобуд кардани биноҳо, вокзалҳо, бандарҳо, иншоотҳои фарҳангӣ ё динӣ) ва ғайра.

Таҳдиди содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки боиси ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳимаи аҳолӣ ва ба вуҷуд овардани хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок гардидаанд, метавонад бо тарзи гуногун ифода ёбад. (Масалан, изҳори шифоҳӣ, нашр дар матбуот, паҳн намудан ба воситаи радио, телевизион ё дигар воситаҳои ахбори омма, инчунин шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ) ва дигарҳо.

Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки таҳдиди содир намудани дигар кирдорҳо

таркиби ҷинояти терроризмро ташкил намедиҳанд, вале метавонанд таркиби дигар ҷиноятро ташкил диҳанд. (Масалан, моддаи 120-и КҶ таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, моддаи 328-и КҶ истифодаи зӯроварӣ нисбати намояндаи ҳокимият, моддаи 356-и КҶ таҳдид ё зӯроварӣ нисбати судя, машваратчии халқӣ, прокурор, муфаттиш, шахсе, ки таҳқиқи ибтидоӣ мегузаронад, пристави суд, иҷрочии суд, адвокат, коршинос, тарҷумон, кормандони мақомоти андозу гумрук) ва ҳоказо.

4. Ҷинояти дар қисми 1 моддаи 179-и КҶ пешбинишуда, ки боиси ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳимаи аҳолӣ ва хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок гардидааст, аз лаҳзаи содир намудани кирдорҳои мазкур хотимаёфта эътироф карда мешавад.

Ҳангоми ҷиддӣ будани зарари молу мулкии расонидашуда, бояд арзиши молу мулки несту нобуд кардашуда ё хароҷоти барқарор кардани он, аҳамияти молу мулки мазкур барои ҷабрдида масалан, вобаста аз намуди фаъолияти ӯ, вазъи иҷтимоӣ ё молиявӣ-иқтисодии шахси ҳуқуқӣ, ки молик ё соҳибмулки дигари молу мулки несту нобуд ё вайрон кардашуда мебошад, ба назар гирифта шаванд. Дар натиҷаи амали террористӣ расонидани зарари ҷиддии молу мулкӣ бо моддаи 179-и КҶ банду баст карда шуда, бо моддаи 255-и КҶ қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк банду басти иловагиро талаб наменамояд.

Зери мафҳуми ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок чунин кирдорҳо фаҳмида мешаванд; расонидани зарари вазнин ба саломатии аққалан як нафар шахс, расонидани зарари миёна ба саломатии ду ва зиёда шахс, ноором гардидани кори мақомоти ҳокимият ва худидораи маҳаллӣ, ба муҳлати дуру дароз аз кор монондани фаъолияти корхона (корхонаҳо) ва ё муассиса (муассисаҳо) новобаста аз шакли моликият, мансубият ва ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо, моҳиятан бадтар гардидани вазъи экологӣ (масалан, таназзули қитъаҳои замин, ифлос гардидани оби равони зеризаминӣ, фазо, баҳр ва ба вуҷуд омадани дигар тағйироти муҳити зист, ки барои нигоҳдорӣ ва истифодабарии дурусти он монеа гардидааст ва бартараф кардани ин оқибатҳо, ки муҳлати дуру дароз ва хароҷоти моддии калонро талаб мекунанд).

Ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо зарур аст, ки ҳангоми баррасии масъала дар хусуси оё вайрон кардани фаъолияти корхона ё муассиса дарозмуддат буд ё не, бояд ҳолатҳои воқеии кор ва хусусияти фаъолияти онҳо, муддати умумии боздоштани фаъолияти онҳо, андозаи талофии зарари расонидашуда ва ғайра, ба инобат гирифта шаванд.

5. Аломатҳои бандубасткунандаи терроризм дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 179-и КҶ нишон дода шудаанд.

Бо банди «а» қисми 2 моддаи 179 ва банди «б» қисми 2 моддаи $179^{2\text{-и}}$ КҶ терроризме, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад, банду баст карда мешавад.

Ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ дар он ҳолат содиршуда эътироф мешавад, ки агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд (қисми 2 моддаи 39-и КҶ ).

Такрорӣ дар моддаи мазкур пештар содир шудани як ё якчанд ҷинояти пешбинишудаи ҳамин модда, инчунин моддаҳои $179^1$, 180, 181, 185, 310 ва 402-и ҳамин Кодекс эътироф карда мешавад.

6. Ҳангоми банду басти амали террористӣ бо банди «а» қисми 3 моддаи 179 ва банди «а» қисми 3 моддаи $179^{2\text{-и}}$ КҶ бояд дар назар дошт, ки зери мафҳуми гурӯҳи муташаккил - гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, фаҳмида мешавад. Дар бораи устувории гурӯҳи муташаккил муҳлати дароз мавҷуд будани он, борҳо содир намудани ҷиноят аз тарафи аъзои гурӯҳ, таъминоти техникӣ ва тақсимоти нақшҳо байни аъзои гурӯҳ, муддати дуру дарози тайёрӣ ҳатто ба як ҷиноят, инчунин дигар ҳолатҳо (масалан, тайёрии махсуси иштирокчиёни гурӯҳ) шаҳодат медиҳанд. Дар ҳолати аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани терроризм, кирдори аъзои он, ки дар тайёрӣ ё содир намудани ҷинояти мазкур иштирок кардаанд, новобаста аз нақши воқеии ҳар яки онҳо, бо қисми дахлдори моддаи 179-и КҶ бе ишора ба моддаи 36-и КҶ банду баст карда мешавад.

Содир намудани терроризм бо банди «б» қисми 3 моддаи 179-и КҶ, яъне дар алоқамандӣ бо таҳдиди истифодаи яроқи қатли ом, маводи радиоактивӣ ё иҷрои дигар кирдоре, ки бо шартномаҳои байналмилалии манъшудаи ядроӣ, нейтронӣ, кимиёвӣ, биологӣ (бактериологӣ) ва иқлимӣ, ки ба ҳалокати оммавии одамон оварда мерасонад, фаҳмида мешаванд.

Маводи радиоактивӣ - ин манбаъҳои паҳн кардани ионизатсия, воситаҳои радиоактивӣ ва маводҳои ядроӣ мебошанд.

Терроризм бо аломати дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок дар сурате банду баст карда мешавад, ки агар он бо асосҳои дар қисми 3 моддаи 21-и КҶ пешбинишуда содир шуда бошад. Дар ин маврид мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки доғи судӣ барои ҷинояте, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир кардааст, инчунин доғи судие, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 84-и КҶ барҳам хӯрда ё бардошта шудааст, ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят ба инобат гирифта намешавад.

7. Ҳангоми амали террористӣ, агар шахс қасдан ба марг расонида шуда бошад, он гоҳ кирдори содиршуда иловатан бо қисмҳои дахлдори моддаи 104-и КҶ одамкушӣ банду баст карда мешавад.

Дар сурате, агар дар натиҷаи амали террористӣ аз беэҳтиётӣ ба марги одамон (ё ин ки ба марги ду ва зиёда шахс) оварда расонида бошад, он гоҳ кирдор бояд бо банди «г» қисми 3 моддаи 179-и КҶ банду баст карда шуда, бо моддаи 104-и КҶ барои одамкушӣ банду басти иловагиро талаб намекунад.

Мафҳуми «дигар оқибатҳои вазнин» бояд дар ҳолати мушаххас ба таври алоҳида бо дарназардошти ҳамаи ҳолатҳои кор маънидод карда шавад ва он метавонад дар ноором сохтани кори мақомоти ҳокимият ва худидоракунӣ, дар қатъ гардидани чорабиниҳое, ки аҳамияти муҳими сиёсӣ ё фарҳангӣ-маърифатӣ доранд, фалаҷ сохтани кори нақлиёт, алоқа, объектҳои таъмини зисти шаҳр ва маҳалҳои аҳолинишин, расонидани зарари ҷиддии моддӣ, паҳн намудани эпидемия, ноором намудани муносибатҳои миллию динӣ ва ғайраҳо, зоҳир гардад.

8.Бояд дар назар дошт, ки ҷинояти дар моддаи 179-и КҶ пешбинигардида ба шарте хотимаёфта эътироф мешавад, ки агар кирдорҳои содиршуда боиси ба миён омадани хатари воқеӣ гардида бошанд. (Масалан, марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк, ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок ва ё таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо) ва ғайраҳо.

Дар баробари ин, хавфи воқеии ба миён омадани оқибатҳои зикргардида дар асоси маводи ҷамъоварда оиди вақт, ҷой, ҳолат, тарзи содир намудан, хулосаи коршиносон ва таъсири дигар шахс, дар бисёр мавридҳо шахси тасодуфӣ ба механизми таҷовузи ҷинояткорона (ҷамъшавии одамон, техника, воситаҳои нақлиёт) баҳо дода мешавад.

Субъекти ҷиноятҳои терроризм шахси мукаллафи ба синни 14-сола расида, ба ҳисоб меравад.

9. Агар дар ҷараёни содир гардидани амали террористӣ маводи ядроӣ ва воситаи радиоактивӣ, инчунин силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, маводи таркишӣ ё дастгоҳи таркишие, ки ғайриқонунӣ соҳиб шуда, нигоҳ дошта ё истеҳсол карда шудаанд, истифода бурда шуда бошанд, он гоҳ кирдори шахс бо маҷмӯи ҷиноятҳои бо моддаи 179 ва мутаносибан бо моддаҳои 193-194, 194[1],194[5],195,195[1],196-и КҶ банду баст карда мешаванд.

10.Сӯиқасд ба ҳаёт ва саломатии шахси дигар бо роҳи амалӣ гардонидани таркиш, сӯхтор ё кирдори дигари ба ҳамин монанд, ки аз ҳисси қасдгирӣ ё хусумати шахсӣ содир шуда, дорои мақсади таъсир расонидан ба мақомоти ҳокимият ё ташкилотҳои байналмилалӣ барои қабули қарор намебошанд, таркиби ҷинояти бо моддаи 179-и КҶ пешбинишударо ташкил надода, бо моддаҳои дахлдори қисми махсуси КҶ банду баст карда мешаванд.

11. Дар ҳолате, агар шахс сӯиқасд ба ҳаёт ва саломатии арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё ин ки нисбати шахсе, ки адолати судӣ ё тафтиши пешакиро ба амал мебарорад ё корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо роҳи амалӣ гардонидани таркиш, сӯхтор ё кирдори дигари ба ҳамин монанд, бо мақсади таъсир расонидан ба мақомоти ҳокимият ё ташкилотҳои байналмилалӣ барои қабули қарор содир намояд, кирдори мазкур бо моддаи 179-и КҶ банду баст карда мешавад.

Агар таҷовуз ба ҳаёт ва саломатии арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо тарзҳои дар боло номбаршуда содиргардида, дорои мақсади суст кардани асосҳои сохти конститутсионӣ ё амнияти давлат, ҳамчунин бо мақсади қатъ гардонидани фаъолияти давлатӣ ё сиёсии ӯ ё дигар фаъолияти сиёсӣ бинобар интиқом барои чунин фаъолият содир шуда бошад, бо моддаи 310-и КҶ, яъне таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд банду баст карда шавад.

Таҷовуз нисбати шахсе, ки адолати судӣ ё тафтиши пешакиро ба амал мебарорад ё корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо роҳи амалӣ гардонидани таркиш, сӯхтор ё кирдори дигари ба ҳамин монанд бо мақсади монеагӣ кардан ба фаъолияти қонунии ӯ, ё ин ки аз ҳисси қасдгирӣ барои чунин фаъолият содир шуда бошад, дар ин сурат кирдори мазкур бо моддаи 345 (монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ) ё мутаносибан бо моддаи 356-и КҶ (таҳдид ё зӯроварӣ вобаста ба баамалбарории адолати судӣ ё таҳқиқи ибтидоӣ ё тафтишоти пешакӣ) банду баст карда мешавад.

12. Кирдори аъзои воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор ё иттиҳодияи ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), ки амали террористӣ содир намудаанд, бо маҷмӯи ҷиноятҳо, яъне бо моддаи 179 ва моддаҳои 185, 186, 187-и КҶ банду бастро талаб менамояд.

Ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва судяҳо тавзеҳот дода шавад, ки тибқи эзоҳи моддаи 179-и КҶ шахсе, ки дар омода сохтани кирдори террористӣ иштирок дорад, агар мақомоти давлатиро саривақт огоҳ созад ё бо роҳи дигар содир гаштани кирдори террористиро пешгирӣ кунад ва агар дар ҳаракатҳои ин шахс дигар таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

13. Бояд дар назар дошт, ки тибқи талаботи моддаи $179^{1-и}$ КҶ зери мафҳуми «ҷалб намудан ё ин ки бо тарзи дигар моил намудани шахс» барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 179, $179^{2}$, $179^{3}$, 181, 182, 184, $184^{1}$, $184^{2}$, $184^{3}$, $184^{4}$, 185, 193, 194, $194^{1}$, $194^{2}$, $194^{3}$, $194^{4}$, $194^{5}$, 310 ва 402-и КҶ пешбинишуда, кирдорҳои қасдонае фаҳмида мешаванд, ки ба ҷалб кардани шахс барои содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳои зикргардида аз ҷумла, бо роҳи моил кардан, боварӣ кунонидан, илтимос кардан, таклиф пешниҳод намудан, (ҳамчунин, ба воситаи ҷойгир кардани маводи иттилоотӣ ва паҳнкунанда ба воситаи шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ), татбиқи таъсири ҷисмонӣ ё ба воситаи ҷустуҷӯи шахс ва ҷалб намудани ӯ барои содир намудани яке аз кирдорҳои ёдрасшуда равона карда шудаанд.

14. Таҳти мафҳуми «силоҳнок намудан» таъминоти шахсоне, ки дар фаъолияти террористӣ иштирок намудаанд бо силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, мавод ва воситаи таркиши радиоактивӣ, ядроӣ, техникаи ҳарбӣ ва ғайра, бо мақсади содир намудани ҳатто яке аз кирдорҳои дар моддаи $179^{1-и}$ КҶ пешбинишуда, фаҳмида мешавад.

Зери «таълими шахсон бо мақсади содир намудани ҷиноятҳои номбаршуда, инчунин мусоидат кардан бо тарзи дигар» омӯзонидани қоидаҳои муносибат бо силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, воситаи таркиш, алоқа, қоидаи пешбурди амалиётҳои ҳарбӣ, инчунин дастури дахлдор додан, гузаронидани машқҳо, тирпарронӣ, машғулиятҳо ва дигарҳо, дониста мешавад.

Мутобиқи талаботи эзоҳи моддаи $179^{1-и}$ КҶ шахсе, ки ҷинояти дар моддаи мазкур пешбинишударо содир намудааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар ӯ ихтиёран ва саривақт бо роҳи ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ хабар додан ё бо дигар тарзҳо барои пешгирӣ содир шудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта мусоидат намояд, агар дар ҳаракатҳояш таркиби ҷинояти дигар набошад.

15. Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта тибқи талаботи моддаи $179^{2-и}$ КҶ дар расонидани хизмати молиявӣ, додан ё ҷамъовардани на танҳо маблағҳои пулӣ (дар шакли нақдӣ ё ғайринақдӣ), балки воситаҳои моддӣ (масалан, предметҳои сару либос, асбобу анҷоми ҳарбӣ, воситаи алоқа) бо дарк кардани он, ки онҳо барои маблағгузории ташкилот, омодасозӣ ё содир намудани ҷиноятҳои бо моддаҳои 179, $179^{1}$, $179^{3}$, 181, 182, 184, $184^{1}$, $184^{2}$, $184^{3}$, $184^{4}$, 185, 193, 194, $194^{1}$, $194^{2}$, $194^{3}$, $194^{4}$, $194^{5}$, 310 ва 402-и КҶ пешбининамуда истифода мегарданд, ё ин ки барои таъминоти молиявии террорист ё ташкилоти террористи, гурӯҳи муташаккил, воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, иттиҳодияи ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), ки барои содир намудани ҳатто яке аз ҷиноятҳои номбаршуда

таъсис дода шудаанд ё мешаванд (масалан, маблағгузории мунтазам ё саҳми яккарата ба хазинаи умумӣ, харидани молу мулки ғайриманқул, ё ин ки пардохти арзиши иҷораи он, додани маблағҳои пулӣ, ки барои ришвадиҳӣ ба шахсони мансабдор таъин шудаанд ва ҳоказо) ҳамчунин, агар воситаҳои мазкур воқеан дар ҷиноятҳои зикршуда истифода нагарданд, инчунин маблағгузории террористӣ алоҳида ё гурӯҳи (ташкилоти террористӣ), ҳатто агар он бо акти (актҳои) террористии мушаххас алоқаманд набошад, ифода меёбад.

16. Ба гурӯҳи шахсоне, ки «бо истифода аз мақоми хизматӣ» аз мансаби хизматии худ сӯиистифода мебаранд (банди «в» қисми 2 моддаи $179^{2-и}$ КҶ) ба ғайр аз шахсони мансабдор, инчунин хизматчиёни давлатӣ ва кормандони мақомоти ҳокимияти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба гурӯҳи шахсони мансабдор мансуб намебошанд, инчунин шахсоне, ки доимӣ, муваққатӣ ё ин ки тибқи ваколати махсус фаъолияти ташкилӣ-амрдиҳӣ ё маъмурӣ- хоҷагидориро дар ташкилоти тиҷоратӣ новобаста аз шакли моликияташон ё ин ки дар ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки муассисаи давлатӣ намебошад, адо менамоянд, дохил мешаванд.

Сӯиистифода аз мақоми хизматӣ ҳангоми содир намудани ҷинояти бо моддаи $179^{2-и}$ КҶ пешбинишуда на танҳо дар қасдан истифода намудани ваколатҳои мансабӣ ифода меёбад, балки дар таъсир расонидан ба шахси дигар аз рӯи шаъну эътибори мансаби ишғолнамуда бо мақсади моил намудани (ангезонидан) барои содир намудани ҳаракатҳои ба фаъолияти террористӣ мусоидаткунанда равона шудааст, муайян карда мешавад.

Бо аломати банди «г» қисми 2 моддаи $179^{2-и}$ КҶ, яъне «бо истифодаи даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардаи қонунигардонидашуда» маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва дигар молу мулке, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шуда, бо роҳи анҷом додани амалиёти молиявӣ ё дигар аҳдҳо бо маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ё дигар молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд ё мусоидат намудан ба шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, бо мақсади махфӣ нигоҳ доштан ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, манбаъ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, аз ҷо ба ҷо гузаронидан, тааллуқдорӣ ё ҳуқуқи моликият, инчунин намуди қонунӣ гардонида шудаанд, фаҳмида мешавад.

Бо бандҳои «а» ва «б» қисми 3 моддаи$179^{2-и}$ КҶ, яъне банду баст намудани ҷиноят бо аломатҳои «аз ҷониби гурӯҳи муташаккил» ва дар «ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок» дар банди 6-и қарори мазкур оварда шудаанд.

Мутобиқи талаботи эзоҳи моддаи $179^{2-и}$ КҶ зери мафҳуми «воситаҳо» дар моддаи мазкур активҳои ҳама навъ, ламсшаванда ё ламснашаванда, манқул ё ғайриманқул, новобаста ба тарзи ба даст овардани онҳо, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва ё санадҳо дар ҳама гуна шакл, аз ҷумла электронӣ ва рақамӣ, ки ҳуқуқро ба чунин активҳо ва ё иштирок дар онҳоро тасдиқ менамоянд, инчунин кредитҳои бонкӣ, чекҳои сафарӣ, чекҳои бонкӣ, интиқолоти почтавӣ, саҳмияҳо, коғазҳои қиматнок, вомбаргҳо, векселҳо, аккредитивҳо ва ғайраҳо фаҳмида мешаванд.

17.Зери мафҳуми даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷинояти хусусияти террористидошта дар моддаи $179^{3-и}$ КҶ , моддаҳои 179, $179^{1}$, $179^{2}$, 181, 182, 184, $184^{1}$, $184^{2}$,$184^{3}$, $184^{4}$, 185, 193, 194, $194^{1}$, $194^{2}$, $194^{3}$, $194^{4}$, $194^{5}$, 310 ва 402-и пешбининамудаи ҳамин Кодекс, даъват дар ҳамагуна шаклҳо (шифоҳӣ, хаттӣ, бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, воситаҳои техникӣ, шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ) ба шахсони дигар бо мақсади ангезонидан (моил намудан) барои амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ, фаҳмида мешавад.

18. Масъалаи даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта (моддаи $179^{3-и}$ КҶ) аз ҷониби судҳо бо дарназардошти ҷой, тарз, вазъият ва ҳолатҳои дигари парванда (муроҷиат ба гурӯҳи шахсон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, паҳн кардани варақаҳои ташвиқотӣ, овехтани плакатҳо, нашр кардани муроҷиат дар шабакаҳои иттилоотӣ-телекомуникатсионии истифодаи умум аз ҷумла, шабакаи интернет, масалан, дар сайтҳо, форумҳо ё блогҳо, паҳн кардани муроҷиат бо роҳи ирсоли хабарҳои электронӣ ва ғайраҳо) муайян карда мешавад.

19. Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷинояти хусусияти террористидошта (қисми 1 моддаи $179^{3-и}$ КҶ) аз лаҳзаи ба тариқи оммавӣ эълон кардани (паҳн кардани) аққалан як

муроҷиат новобаста аз он ки муроҷиати мазкур ба ангезонидани шаҳрвандони дигар барои содир намудани фаъолияти террористӣ ноил гардидааст ё не, ҷинояти хотимаёфта эътироф карда мешавад.

20. Ҳангоми ҳалли масъала дар бораи истифода бурдани матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма (қисми 2 моддаи $179^{3\text{-и}}$ КҶ) бояд муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаи ахбори омма»-ро ба инобат гирифт.

Ҷиноятҳои бо қисми 2 моддаи $179^{3\text{-и}}$ КҶ пешбинишуда аз лаҳзаи паҳн гардидани мавод дар воситаи ахбори омма (масалан, фурӯш, тақсимоти нашри даврӣ, барномаҳои сабти аудио ё видео, оғози барномаҳои телевизион ё радио, намоиши барномаҳои ҳуҷҷатӣ, пешниҳод барои дастрас гардидан ба нашри шабакавӣ) хотимаёфта дониста мешаванд.

21.Дар сурате, агар даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷинояти хусусияти террористидошта бо истифода аз нашрҳои шабакавӣ (сайтҳо дар шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионии интернет, ки ба сифати васоити ахбори омма ба тариқи муқарраргардида ба қайд гирифта шудаанд) анҷом дода шуда бошанд, он гоҳ кирдори содиршуда бо қисми 2 моддаи $179^{3\text{-и}}$ КҶ банду баст карда мешавад. Истифода бурдани сайтҳо дар шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионии интернет, ки ба сифати васоити ахбори омма ба тариқи муқарраргардида ба қайд гирифта нашудаанд, бо қисми 1 моддаи $179^{3\text{-и}}$ КҶ банду баст карда мешавад.

22. Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шаванд, ки тибқи моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ – ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 179-182, 185, 187, 310 ва 402-и КҶ пешбинӣ шудаанд, дониста мешаванд. Ба ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ мумкин аст, дигар ҷиноятҳое, ки КҶ пешбинӣ намудааст, дар ҳолати бо мақсади террористӣ содир намудани онҳо дохил карда шаванд.

Таҳти мафҳуми таъсиси воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ иттиҳодия, отряд, даста ё дигар гурӯҳи мусаллаҳи устувор фаҳмида мешавад, ки он барои ба амал баровардани мақсадҳои муайян равона гардидааст. (Масалан, барои содир намудани амали террористӣ, бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохтори конститутсионӣ ё вайрон кардани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Мусаллаҳ будан, ҳамчун аломати ҳатмии воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ба ҳисоб рафта, маънои бо ягон намуди силоҳи оташфишон ё дигар аслиҳа, лавозимоти ҷангӣ ва воситаи таркиш, ҳамчунин махлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд аз ҷумла, истеҳсоли дастӣ, инчунин техникаи ҳарбӣ мусаллаҳ будани иштирокчии онро дорад. Ҳамзамон, ғайриқонунӣ соҳиб шудан, нигоҳ доштан, истифода бурдан, ба дигарон додани маводи ядроӣ, радиоактивӣ, соҳиб шудан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан, бо худ гирифта гаштан ё истеҳсол кардани силоҳи оташфишон ва қисмҳои асосии он, лавозимоти ҷангӣ, воситаи таркиш ва дастгоҳи таркиш мутаносибан бо моддаҳои 179, 185,193, 195 ва 196-и КҶ банду баст карда мешаванд.

23. Ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ (қисми 1 моддаи 185-и КҶ) аз лаҳзаи ташкил намудани чунин воҳидҳо, яъне аз лаҳзаи муттаҳид гардонидани якчанд нафар ба як гурӯҳ ва ба даст овардани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, дастгоҳи таркиш, техникаи ҳарбӣ ҷинояти хотимаёфта ҳисоб мешавад.

24. Роҳбарӣ дар воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, маънои ба амал баровардани фаъолияти идоракунӣ дар иттиҳодия, отряд, даста ё дигар гурӯҳҳо, инчунин ба иштирокчиёни алоҳидаи он, бо мақсади таъмини фаъолияти воҳиди мусаллаҳи ғайриқонуниро дорад.

Роҳбарӣ аз ҷумла, дар тасдиқи нақшаҳои умумӣ оид ба фаъолияти воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, содир намудани кирдорҳои дигар, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар назди воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ гузошта шудаанд, зоҳир мегардад. (Масалан, тақсимоти нақшҳо байни аъзоёни воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ташкили таъминоти моддӣ-техникӣ, андешидани чораҳои бехатарии аъзои он ва дигарҳо).

25.Бояд дар назар дошт, ки шахсоне, ки аъзои ташкилоти террористӣ набуда, аммо дар таъмини маблағ, таълим ва мусаллаҳ гардонидани он иштирок менамоянд, баробари аъзои ташкилоти террористӣ ҷавобгар мебошанд.

26. Ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо тавзеҳот дода шаванд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қисми 1 моддаи 185-и КҶ, яъне барои иштирок дар воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ дар сурате ба миён меояд, ки агар иштирокчиёни ин воҳидҳо ғайриқонунӣ будани он ва мансубияти худро ба онҳо дарк намуда, барои иҷрои ҳадафҳои онҳо амал кунанд.

Зери мафҳуми иштирок дар воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ворид шудан ба ҳайати чунин воҳидҳо (масалан, қабул кардани савганд, додани забонхат ё ризоияти шифоҳӣ, гирифтани сару либос, силоҳ), иҷро кардани вазифаҳо оид ба таъмини фаъолияти воҳидҳои мазкур (таълими иштирокчиёни он, сохтмони манзилҳои муваққатӣ, ҳар гуна иншоотҳо, пӯхтани хӯрок, пешбурди хоҷагии ёрирасон дар мавқеи ҷойгиршавии воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва дигарҳо) дониста мешавад.

Ҷинояти иштирок дар воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ аз лаҳзаи содир намудани кирдорҳои мушаххас оид ба таъмини фаъолияти воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ хотимаёфта эътироф мегардад.

27. Ҳангоми содир намудани ҷинояти мушаххас аз ҷониби иштирокчии воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, кирдори шахс бо маҷмӯи ҷиноятҳои бо қисми 2 моддаи 185-и КҶ ва моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ банду баст карда мешавад (масалан, моддаҳои 179, $179^{2}$, $179^{3}$, 181-и КҶ).

28. Агар аъзои алоҳидаи воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ба як гурӯҳи устувори мусаллаҳ (банда) бо мақсади ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилотҳо (аз ҷумла, барои содир намудани фаъолияти террористӣ) муттаҳид шуда, аз болои чунин гурӯҳ (банда) роҳбарӣ кунанд, инчунин дар содир намудани ҳуҷумҳо иштирок намоянд, он гоҳ кирдори содиргардида бо маҷмӯи ҷиноятҳои бо моддаҳои 185 ва 186-и КҶ банду баст карда мешавад.

29. Тибқи талаботи эзоҳи моддаи 185-и КҶ шахсе, ки ихтиёран аз иштирок дар воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ даст кашида ва яроқашро супурдааст, агар дар кирдори ӯ дигар таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

30. Ба суд, судяҳо зарур аст, ки ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун, ки зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, баррасии судӣ ошкор намоянд, нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, ҳуқуқ доранд таъинотҳои (қарорҳои) хусусӣ бароранд.

Ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда ё қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои реабилитатсионӣ суд, судяҳо дар ҳама ҳолат бояд таъинот, қарорҳои хусусӣ қабул намуда, дар он масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони мансабдорро (муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва дигарҳо), ки дар ғайриқонунӣ дастгир кардан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ айбдор мебошанд, ба миён гузоранд.

31. Бо қабули Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 октябри соли 2003 таҳти №18 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарӣ барои терроризм аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**